**Мухтарам намояндагони васоити ахбори умум!**

Хамаи кормандони воситахои ахбори омма ва собикадорони сохаро бо иди касбӣ – Рӯзи матбуоти точик табрик гуфта, саломативу сарбаландӣ ва фатхи куллахои нави эчодӣ таманно менамоям.

Бояд зикр намуд, ки Рӯзи матбуоти точик аз соли 1994 инчониб дар саросари Точикистон расман чашн гирифта мешавад. Он ба чопи нахустин рӯзномаи точикӣ — «Бухорои шариф», ки шумораи аввалинаш 11 марти соли 1912 нашр гардида буд, иртибот дорад. Имсол аз чопи ин рӯзнома 113 сол сипарӣ гардид. Хамасола ин сана чун иди касбии кормандони воситахои ахбори омма, матбуот ва табъу нашр тачлил карда мешавад.

Боиси таъкид аст, ки матбуоти точик бо гузашти солхо ташаккул ёфта, бахусус дар даврони сохибистиклолии кишвар ба рушди он тавaччухи бештар зохир гардид. Теъдоди рӯзномаву хафтанома, мачаллахо, телевизиону радио бамаротиб афзоиш ёфта, талаботи рӯзафзун ба иттилоот накши воситахои ахбори оммаро дар чомеа боз хам боло бурд. 

Тавре Асосгузори сулху вахдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон таъкид намудаанд: **“Давраи комилан нав ва аз лихози сохтор ва услуби кор ба таври чиддӣ фарккунандаи фаъолияти воситахои ахбори оммаи мо махз дар замони Истиклоли давлатии Точикистон огоз гардид ва матбуот вобаста ба вокеияти замон такомулу ташаккул ёфт”**
.

Вокеан, матбуот яке аз воситахои асосии таъсиррасон ба афкори умум мебошад. Дар замони муосир сахми воситахои ахбори омма дар хифзи манфиатхои миллӣ назаррас буда, ин дастгохи тавонову муктадири хабариву тахлилӣ ходисаву вокеахоро бозтоб намуда, мардумро ба фардои дурахшон рахнамун месозад.

Макомоти ичроияи хокимияти давлатии нохияи Зафаробод дар партави дастуру супоришхои Пешвои муаззами миллат мухтарам Эмомалӣ Рахмон бо намояндагони матбуот ва дигар воситахои ахбори омма хамкориро ба рох монда, дар халли масъалахои гуногуни ичтимоӣ аз имконоти мавчуда самаранок истифода мебарад. Бояд кайд намуд, ки имрӯз фазои иттилоотии нохияро рӯзномаи “Зарбдор”, сомонаи расмии Макомоти ичроияи хокимияти давлатии нохия ва чандин сахифахои шабакахои ичтимоии ташкилоту муассисахо пурра намуда, хаёти ичтимоиву иктисодӣ ва раванди корхои созандагию бунёдкориро инъикос менамоянд.

Накши воситахои ахбори омма ва кормандони сохаи матбуот дар таргибу ташвики сиёсати давлату Хукумат, дастоварди сохахои ичтимоию иктисодии нохияамон назаррас буда, фаъолияти онхо аз чониби макомоти ичроияи хокимияти давлатӣ кадршиносӣ мегардад. Хамчунин метавон собикадорони соха дар симои Чонмурод Муродбеков, Аббос Иброхимов, Малика Каюмова, Захриддин Рустамов, Саидахмад Ганиев ва чандин нафарони дигарро хотиррасон кард, ки боиси ифтихори мо мебошанд.

Боварии комил дорам, ки кормандони матбуот ва дигар воситахои ахбори омма минбаъд низ барои инъикоси вокеии комёбихои замони сохибистиклӣ ва корхои ободониву созандагӣ сахми арзандаи худро гузошта, ба давлату миллат содикона хизмат менамоянд.

Бори дигар кулли ахли калам - кормандони матбуот ва дигар воситахои ахбори оммаро бахшида ба Рӯзи матбуот табрик гуфта, хушихои рӯзгор, саломативу хотири чамъ ва илхоми саршор таманно мекунам.

**Ид муборак!**